# Такриз

**ба диссертатсияи Муминова Сафарбегим Баҳриевна дар мавзуи «Лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 - Забони тоҷикӣ**

Шеваҳо ва лаҳҷаҳои тоҷикӣ хазинаи бебаҳои забони тоҷикӣ маҳсуб меёбанд. Дар шеваю лаҳҷаҳои тоҷикӣ манзараи комили ҳаёти иҷтимоиву сиёсии миллати тоҷик ба сурати вожагони гуногун инъикос ёфта, анбошта шудааст. Ин вожагон дар хазинаи луғавии лаҳҷаҳои тоҷикӣ ниёзҳои рӯзмарраи мардуми тоҷикро дар тули садсолахо баровarда карда, муоширати байни онхоро таъмин намудаанд.

Таҳқиқу пажӯҳиши лаҳҷаҳои тоҷикӣ сад сол пештар оғоз гардида, то имрӯз доир ба онҳо осори илмии зиёде ба табъ расидаанд. Ин раванд дар замони истиқлоли кишвар суръати тоза пайдо кард. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ бахшида ба Рӯзи забони давлатӣ аҳамияти бузурги лаҳҷаҳоро дар инкишофи забони тоҷикӣ зикр намуда, чунин таъкид намуда буд: «Лаҳҷаҳо яке аз муҳимтарин манбаъҳои такмили забон буда, адибони гузашта ва муосири мо бо истифода аз захираҳои ин ганҷина луғату истилоҳоти фаровонеро ба забони меъёр ворид карданд. Аз ин рӯ, забоншиносон ва лаҳҷашиносон бояд ин сарвати бебаҳоро мавриди омӯзишу баррасии ҷиддӣ қарор диҳанд ва забони адабиро аз дурдонаҳои он такмил диҳанд ва ғанӣ гардонанд».

Дар асоси дастури Президенти кишвар дар замони истиқлол масъалаи пажуҳиши лаҳҷаҳои тоҷикӣ, хусусан лаҳҷаҳои мардуми куҳантаърихи Бадахшон, аз ҷумла, мардуми водии Вахон, аз нав ҷоннок гардид. Қобили зикр аст, ки лаҳҷаи вахонии забони тоҷикӣ ва дигар лаҳҷаҳои хамгурӯҳи он, ки дар қисмати ҷанубии Тоҷикистон бо номи «Лаҳҷаҳои ҷанубии забони

тоҷикӣ» паҳн гаштаанд, бозгуйи вазъи таърихии бархӯрди забону лаҳҷаҳои қадимаи бохтариву сакоӣ бо гуйишҳои форсӣ дар сарзамини Мовароуннаҳр мебошанд. Воқеан, ин забону лаҳҷаҳо, ки дар давраҳои муайяни таърихӣ пайваста дар роҳи рушд қарор доштанд, дар омезиш бо гуфтори форсӣ ташаккулу таҳаввули лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикиро таъмин намуданд.

Лаҳҷаҳои ҷанубӣ асосан дар мавзеъҳои кӯҳдоман, миёни талу теппаҳо, қад-қади соҳилҳо доман густурда, имрӯз аз поктарин лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ шинохта шудаанд. Сабаб дар он аст, ки муҳити кӯҳистон бо ҳама мушкилоте, ки дорад, онҳоро аз ихтилот бо забонҳои ғайр ҳифз намуд. Чӣ тавре ки муҳаққик дар рисолаи худ аз номи устод Айнӣ овардааст: «Забони кӯҳистони тоҷик забони форсии сода, аз такаллуфоти арабӣ холӣ, бо луғатҳои арабии ношунида хилт наёфта ва ба сарфу наҳви форсӣ мувофиқ аст». Аз ин рӯ, таҳқиқоти диссертатсионии Муминова С.Б. яке аз масоили мубрами забоншиносии муосири тоҷикро фаро гирифта, дорои аҳамияти илмию амалӣ мебошад.

Диссертатсияи унвонҷӯ аз се боб хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Боби 1 «Таркиби луғавии лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон» номгузорӣ шуда, аз се фасл иборат аст. Фасли аввали боби аввал «Калимаҳои умумитоҷикӣ» номгузорӣ шудааст. Ғайр аз ин, муҳаққиқ боби якумро ба фаслҳои диалектизмҳои лексикӣ, диалектизмҳои лексикии нопурра, диалектизмҳои лексикии пурра, диалектизмҳои лексикии пурраи мухолиф, диалектизмҳои лексикии пурраи ғайримухолиф, маҳфуз мондани унсурҳои классикӣ дар лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон гурӯҳбандӣ кардааст. То андозае таносуби пайдарҳамии мавзуӣ ва маъноӣ риоя шудааст.

Боби дувуми диссертатсия «Таснифоти маъноиву мавзуии лексикаи лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон» унвон шудааст.

Боби мазкур аз фаслҳои зерин иборат аст: калимаҳои ашёӣ. Калимаҳою истилоҳоти лаҳҷавии хешутаборӣ, лексикаи таомҳо анвоъ ва маҳсулоти хурокворӣ, номи асбобҳои рӯзгор, калимаю

истилоҳоте, ки барои ифодаи мафҳуми ҳавлӣ, хона, бинои ёрирасон ва масолеҳи сохтмонӣ ба кор рафтаанд, калимаю истилоҳоти ифодагари номи ҳайвонот, унсурҳои луғавие, ки бо номи парандагон вобастагӣ доранд, номи ҳашарот, хазанда ва газандаҳо, калимаю истилоҳоти ифодагари номи матоъ, сару либос ва пойафзору каллапӯш, калимаю истилоҳоти соҳаи кишоварзӣ, номи растаниҳо, номи узвҳои бадан, номи бемориҳо, номи ороишоти занона, номи ҳодисаҳои табиат, номи бозиҳо ва баъзе мафҳумҳои ба онҳо алоқаманд, калимаю истилоҳоти ифодагари номи маросимҳо ва урфу одатҳои мардумӣ, номи қисмҳо ва чизу чораи гаҳвора, калимаю истилоҳоти соҳаи косибӣ ва ҳунармандӣ, калимаю истилоҳоте, ки бо санъати мусиқӣ алоқамандананд, калимаю истилоҳоте, ки мафҳуми шикорро ифода мекунанд.

Дар боби сеюм - «Калимаҳои иқтибосӣ дар лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон» масъалаи вомвожаҳо дар ин лаҳҷа мавриди баррасӣ қарор гирифтааст.

Ин боб аз фаслҳои зерин иборат аст: хусусиятҳои ҳазмшавии калимаҳои иқтибосӣ дар лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон, ҳазмшавии фонетикӣ, калимаҳои арабӣ, калимаҳои туркӣ-муғулӣ, калимаҳои русӣ-аврупоӣ, калимаҳое, ки дар лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон ва баъзе забонҳои помирӣ истеъмол меёбанд, калимаҳои хоси забонҳои дарӣ ва пашту дар лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон, калимаҳои суғдӣ (яғнобӣ) дар лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон. Фаслҳои боби сеюм нисбат ба бобҳои якум ва дуюм дақиқтар тасниф карда шудааст.

Қобили зикр аст, ки диссертант бори нахуст доир ба лаҳҷаҳои Вахон маълумоти нодири илмӣ дода, боз як хазинаи ноёби забони қадимии моро кашф намуда, тафовуту монандии калимаҳои лаҳҷавии водии Вахонро дар муқоиса бо дигар лаҳҷаҳои тоҷикӣ ошкор сохта,

вожаҳои умумистемоли тоҷикиро пайдо намудааст, ки қариб дар тамоми лаҳҷаҳои тоҷикӣ бо як шаклу маъно истифода мегарданд, аз қабили: *ҷорӯб, ҷав, гандум, лаҷом, зин, бозу, шона, панҷа, нохун, шуш, по, мижа, зону.*

Ба ғайр аз ин, таҳаввулоти маъноии вожаҳои мансуби лаҳҷаи Вахонро дар муқоиса бо вожаҳои лаҳҷавии дигар минтақаҳои Тоҷикистон нишон дода шудааст: *бел, нома, карам, шона, каду; ранг*–(бузи кӯҳӣ, нахчир), *хавос* (хавотир, ошуфта), *шах* (як навъи хӯрок); *бох*(алабуҷӣ, махлуқи афсонавие, ки кӯдаконро бо он метарсонанд), *варук* (қӯчқор, гусфанди нар), *ғуш йофтан* (вақт, фурсат ёфтан), *парчук* (мухпар), *чук* (рост), *шот* (таом, хурок), *шилч* (суми пойи хдйвонот) ва ғ.

Калимаҳои лаҳҷаи водии Вахонро вобаста ба ҳиссаҳои нутқ тасниф карда, вижагиҳои дастурии онҳоро баррасӣ намудааст. Масалан, ӯ вожаҳоро гурӯҳбандӣ намуда, онҳоро ба вожагони феълӣ лексикаи зарфӣ ва дигар гурӯҳҳо тақсим намудааст. Масалан: а) калимаҳое, ки ба ҳаракат ва ҳолати инсон алоқамандӣ доранд: *калева шудан* (гаранг, гиҷ шъдан), *қъводӣ кардан* (далагӣ, далолагӣ кардан), *сахрагӣ кардан* (якравӣ кардан), *қълъғбод кардан* (сипосгузорӣ кардан, ташаккур гуфтан); б) калимаҳое, ки ба ҳаракат ва амали ҳайвоноту парандагон тааллуқ доранд: *буғма овардан* (дам кардан (дар бораи шиками ҳайвон), *саргардък шудан*–(сар чарх задан), *ғалт задан* (ғел задан), *нъхшор//нъқшор кардан*–(нушхор кардан), *қақра задан* (чаҳ-чаҳ кардан); в) калимаҳое, ки ҳолат ва амали предметҳои гуногунро ифода мекунанд: *лък задан*-(бастани дар, дарвоза), *певанд задан* (пайванд кардан), *чурт задан*–(фикр кардан). Ғайр аз ин лексикаи феълӣ вобаста ба сохтори калимасозӣ ба гурӯҳи феълҳои сода ва таркибӣ тақсим карда, таҳлил гардидаанд: *боғидан/wоғидан* (баос задани гов), *риштан* (ресидан), *наво кардан* (дашном додан),

*шуридан* (кофтан) *пдӯфк задан*-(нохун задани пашм);

Лексикаи зарфӣ ҳам аз ҷиҳати маъно, ки мафҳуми тарзи амал, миқдору дараҷа, макону замонро ифода кардаанд, тасниф ва таҳлил карда шудаанд: а) тарзи амал: *ғавчък* (пачақ, поймолшуда), *къшин* (парешон, шонаназада), *қела//қила* (мушкил, душвор), *ҷалд* (зуд); б) миқдору дараҷа: *данг* (ниҳоят сахт), *пър* (пур), *камык* (камтар), *лаж-лаж* (лаболаб); в) макон: *пас* (пушт, қафо), *палу* (паҳлу), *боло*; г) замон: *рузминӣ* (рӯзона), *порнна* (порсол), *парер* (рӯзи гузашта). Муҳимтар аз ҳама ӯ мавҷудияти овози *ц*- ро, ки вориди сохтори овозии лаҳҷаи деҳаи Ямг ва Нижгар шудаанд, яке аз хусусиятҳои фарққунанда ошкор намудааст: *цръмбидан* (пучидан), *цъқ* (бо сурати амудӣ рост истодан), *цълък задан* (чорзону нишастан), *цланд* (хасак, пучак), *тоц* (рахнаи девор ё ҷангали анбуӯҳ), *сицпърк* (муши хурд).

Баррасии лаҳҷаи  тоҷикии водии Вахон барои маҳфуз доштани захираи луғавии гуфтори мардуми ин минтақа ҳамчун далели иҷтимоию таърихӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

Дар хулосаи диссертатсия нуктаҳои асосии таҳқиқу таҳлил, ки дар бобҳои дохилии он баён гардидаанд, натиҷагирӣ шудаанд.

Автореферати диссертатсия, мақолаҳои нашрнамудаи диссертант, аз ҷумла дар маҷаллаҳои такризшавандаи КОА назди президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва суханрониҳои илмии ӯ муҳтавои асосии диссертатисияро инъикос намудаанд.

Дар баробари дастовардҳои кори диссертатсионӣ дар саҳифаҳои он баъзе нуқсонҳои дорои хусусиятҳои илмӣ, таҳририӣ ва имлоию техникӣ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳо зимни таҳияи монография ва соири пажӯҳишҳои марбута дар ба манфиати кор хоҳад буд:

1. Дар боби аввали кори диссертатсионӣ “калимаҳои умумитоҷикӣ” истилоҳи номушаххас аст, дар адабиёти илмӣ ин гуна истилоҳ вуҷуд

надорад. Беҳтар мешавад, ин гурӯҳи калимаҳоро калимаҳои аслӣ ё ба таври дигар калимаҳои умумиистеъмол гӯем.

2. Дар боби авввали диссертатсия фаслҳои диалектизмҳои лексикии пурраи мухолиф, диалектизмҳои лексикии пурраи ғайримухолиф дар асоси кадом талаботи илмӣ номгузорӣ гардидааст, баҳсбарангез аст. Ба унвони мухолиф истифода шудани калимаҳои лаҳҷавӣ асосан вобаста ба ҷанбаҳои маънoии калимаҳо такя мекунад. Аз ин рӯ, агар мо унвони диалектизмҳои пурраи мухолифро ба диалектизмҳои пурраи мухолифмаъно иваз мекардем, беҳтар мебуд.

3. Фасли маҳфуз мондани унсурҳои классикӣ дар лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахонро бо унвони "Унсурҳои классикӣ дар лаҳҷаи тоҷикзабонони водии Вахон" иваз кардан лозим аст.

4. Дар боби дувуми кори илмӣ низ бо вуҷуди дастовардҳои зиёди илмӣ эҳтиёҷ ба таҷдид барои риояти пайдарҳамӣ вуҷуд дорад. Инчунин дар ин боб фаслҳои калимаҳои ғайриашёӣ, калимаҳои сифатӣ, калимаҳои феълӣ, феълҳои сода, феълҳои таркибӣ, калимаҳои зарфӣ ниёз ба баррасӣ дорад. Беҳтар аст ба ҷойи калимаҳои сифатӣ, феълӣ, зарфӣ калимаҳои сифатҳо, феълҳо ва зарфҳо истифода карда шаванд.

5. Таснифоти фаслҳои боби сеюм тибқи анъанаи илмӣ сурат гирифтааст, вале муҳаққиқро мебояд таснифотро то андозае дақиқтар намояд. Масалан, иқтибосоти арабӣ, туркӣ ё русиву аврупоиро вобаста ба мавқеи корбурд тасниф намуда, нишон диҳад, ки ин иқтибосот дар заминаи кадом омилҳо ба лаҳҷаҳои Вахон ворид гардидаанд. Дар ҳоле ки арабҳо ин сарзаминро умуман надидаанд, бояд дақиқтар таваҷҷуҳ шавад, ки иқтибосоти арабӣ чӣ тавр ба лаҳҷаҳои Вахон ворид гардидаанд. Ҳамчунин таҳлили роҳҳои вуруди гурӯҳҳои иқтибосот аз забонҳои дигари олам дар таркиби луғавии лаҳҷаи баррасишаванда низ диққати дақиқтару амиқтареро

тақозо дорад. Ҳамзамон ба қадри имкон иқтибосости русиву аврупоиро комилтар тасниф намуда, баромади вожаҳоро муайян кардан лозим аст.

Нуқсонҳои зикршуда ислоҳшаванда буда, арзиши илмии диссертатсияро ҳаргиз коста нахоҳанд кард. Таҳқиқоти диссертатсионии Муминова С.Б. кори илмии комилан анҷомёфта буда, муаллифи он бо усулу методҳои муосири забоншиносӣ ошноии амиқ дошта, дорои малакаю маҳорати дар амалия татбиқ намудани дастовардҳои диалектологияи муосир мебошад.

Бо таваҷҷуҳ ба нукоти зикршуда кори илмии диссертант Муминова Сафарбегим Баҳриевна ба талаботи КОА-и ҶТ барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.01. – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
доктори илми филология, профессор, узви вобастаи АМИТ,
Мудири шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти
Институти забон ва адабиёти ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ Сайфиддин Назарзода

Нишонӣ: 734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рудаки 21, тел.: 992 227-75-07, 992 227-75-50, www. iza. Tj
“14” сентябри соли 2023

Имзои С.Назарзодаро тасдиқ мекунам:

Нозири калони шуъбаи кадрҳои Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ ____________ Х. Назрикулова

“14” сентябри соли 2023